*УДК 336.22 (575.3)*
*DOI 10.24412/3005-8023-2026-1-45-54*

# ҲАВАСМАНДГАРДОНИИ АНДОЗИИ ФАЪОЛИЯТИ САРМОЯГУЗОРӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Салимова Муҳайё Музафаровна,** н.и.и., дотсенти кафедраи андоз ва андозбандии ДДҲБСТ (Хуҷанд, Тоҷикистон)

# НАЛОГОВОЕ СТИМУЛИРОВАНИЕ ИНВЕСТИЦИОННОЙ АКТИВНОСТИ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

**Салимова Мухайё Музафаровна,** канд. экон. наук, доцент кафедры налогов и налогообложения ТГУПБП (Худжанд, Таджикистан)

# TAX STIMULATION OF INVESTMENT ACTIVITY IN REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**Salimova Muhayo Muzaffarovna,** candidate in Economics, docent of tax assessment department under the TSULBP (Khujand, Tajikistan)
***e-mail:*** smuhoye-79@mail.ru

*Дар шароити муосир яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати андоз ҳавасмандгардонии андозии фаъолияти сармоягузории субъектҳои хоҷагидор ба ҳисоб меравад. Масъалаи ҳавасмандгардонии андозии фаъолгардонии сармоягузорӣ дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ шудааст. Нишон дода шудааст, ки дар сурати нокифоягии захираҳои молиявӣ ҳавасмандгардонии андозии фаъолгардонии сармоягузорӣ механизми муҳимме маҳсуб меёбад, ки ҷалби сармояро ба кишвар вусъат медиҳад. Асоснок карда шудааст, ки нақши воситаҳои андозии фаъолгардонии сармоягузорӣ дар самти таъмини рушди устувори иқтисодиёти миллӣ ва тақвияти фаъолияти соҳибкорӣ махсусан дар шароити таъсири рӯзафзуни омилҳои иҷтимоиву иқтисодии муҳити берунӣ муҳим арзёбӣ мегардад. Афзалиятҳо ва вазифаҳои сиёсати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян гардида, тавсияҳо оид ба такмили механизми андоз ба мақсади тақвияти сармоягузорӣ дар иқтисодиёти миллӣ таҳия шудаанд.*

***Калидвожаҳо***: *сиёсати андоз, муҳити андозӣ, фаъолнокии сармоягузорӣ, қонунгузории андоз, ҳавасмандгардонии андозӣ, муносибатҳои андозӣ*

*Одним из приоритетных направлений налоговой политики в современных условиях является налоговое стимулирование инвестиционной деятельности хозяйствующих субъектов. Рассмотрена проблема налогового стимулирования инвестиционной активности в экономике Республики Таджикистан. Показано, что при недостаточности финансовых ресурсов налоговое стимулирование инвестиционной активности является ключевым механизмом, обеспечивающим ускоренное привлечение в страну иностранных инвестиций. Обосновано, что налоговым инструментам принадлежит важная роль в обеспечении устойчивого развития национальной экономики и в стимулировании предпринимательства, особенно из-за возрастающего воздействия факторов внешней среды. Обозначены приоритеты и задачи налоговой политики Республики Таджикистан и сформулированы рекомендации по совершенствованию налогового механизма в целях стимулирования инвестиций в национальную экономику.*

***Ключевые слова***: *налоговая политика, налоговая среда, инвестиционная активность, налоговое законодательство, налоговое стимулирование*

*One of the priority areas of tax policy in modern conditions is tax incentives for investment activities of business entities. The article examines the issue of tax incentives for investment activity in the Republic of Tajikistan. It has been shown that, in the absence of sufficient financial resources, tax incentives for investment activity are a key mechanism for ensuring the*

*accelerated attraction of foreign investment into the country's economy. It is substantiated that tax instruments play an important role in ensuring sustainable development of the national economy and in stimulating entrepreneurship, especially due to the increasing impact of external environmental factors. The priorities and objectives of the tax policy of the Republic of Tajikistan are outlined, and recommendations for improving the tax mechanism in order to stimulate investment in the national economy are formulated.*

***Key-words:*** *tax policy, tax environment, investment activity, tax law, tax stimulation*

Ҳавасмандгардонии воридоти сармоягузории дарозмуддати хориҷӣ ба иқтисодиёти миллӣ, махсусан ба бахшҳои инноватсионии иқтисодиёт яке аз масъалаҳои муҳимми сиёсати иқтисодӣ ва вусъатбахшии рушди иқтисодӣ барои ҳам кишварҳои пешрафта ва ҳам кишварҳои рушдкунанда мебошад. Гузариш ба рушди дарозмуддати инноватсионии иқтисодӣ навсозии ҷиддии сохторӣ ва пурзӯр намудани нақши сиёсати андозро дар танзими равандҳои иқтисодӣ тақозо менамояд. Сиёсати андоз ҳамчун яке аз воситаҳои муҳимми танзими давлатӣ, метавонад ба дастгирӣ ва рушди соҳибкорӣ, ҷалби сармоя ва тезонидани равандҳои инноватсионӣ мусоидат намояд [3, 200].

Таҳлили масъалаҳои андозбандӣ ва баррасии омилҳои таъсиррасон ба рушди соҳибкорӣ далолат менамояд, ки такмили сиёсати андоз бо мақсади мусоидат ба рушди минбаъдаи субъектҳои хоҷагидор яке аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти давлат маҳсуб меёбад.

Дар адабиёти илмӣ аксар вақт масъалаи нақши муассири равандҳои сармоягузорӣ ба фазои соҳибкорӣ дар кишвар ба миён гузошта мешавад. Аз ҷумла олимон ва муҳаққиқони хориҷӣ бар он назаранд, ки яке аз фишангҳои муассири таъсиррасонии ғайримустақими давлат ба фазои сармоягузорӣ сиёсати самарабахши андоз, бахусус тартиби қонунан муқарраргардидаи андозбандии фоидаи ташкилотҳо маҳсуб меёбад. Е.В. Минаева и Ю.Ф. Аношина қайд мекунанд, ки робитаи бевоситаи байни ҳаҷми андози фоида ва даромади софи андозсупоранда имкон медиҳад, ки фаъолияти соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт тавассути тағйир додани унсурҳои он танзим карда шавад. Дар шароити иқтисоди бозорӣ ин андоз бояд афзоиши сармоя ва устувории равандҳои сармоягузориро дар бахшҳои гуногуни истеҳсолот таъмин намояд [4]. Ба масъалаи таҳқиқи аҳаммияти маблағгузории асосӣ ва танзими давлатии фаъолияти сармоягузорӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ олимони ватанӣ Назаров Т.Н., Қаюмов Н.Қ., Раҳимов Р.К., Нарзиқулов И.К., Саидмуродов Л.Х., Низомова Т.Д., Қандиёрова Д.О. Давлатзода Д.Ш., Шарипова З.Т., Сафаров И.Н., Раҳматов У.Р, Содиқов М.С. ва дигарон таваҷҷуҳи хоса зоҳир намудаанд [4].

Ҳамчунин, шумораи зиёди таълифоти илмӣ ба таҳлили муқаррароти қонунгузории андоз, ки барои субъектҳои фаъолияти сармоягузорӣ шароити имтиёзноки андозбандиро пешбинӣ менамояд, бахшида шудаанд. Баъзе муҳаққиқон механизми мавҷудаи танзими давлатии сармоягузориро мавриди таҳлилу омӯзиш қарор додаанд, баъзеи дигар ба таъсири имтиёзҳои мухталифи андозӣ ба раванди фаъолгардонии сармоягузорӣ таваҷҷуҳ зоҳир намудаанд. Дар баробари ин, дар аксари таҳқиқот тадбирҳои андозии ҳавасмандгардонии фаъолияти сармоягузорӣ таъкид гардида, аксар вақт самарабахшии сиёсати истеҳлокӣ, аз ҷумла усули истеҳлоки босуръат ва мукофоти истеҳлокӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шудаанд.

Ҳамин тариқ, аҳаммияти сармоягузории бахши хусусӣ ҷиҳати таъмини рушди иқтисодӣ ва зарурати фаъолгардонии онҳо тавассути воситаҳои ҳавасмандгардонии андозӣ собит карда шудааст. Дар сарчашмаҳои иқтисодӣ тадбирҳои мавҷуда ва имконпазири давлат дар ин бахш мавриди таҳқиқ қарор гирифта, диққати асосӣ ба усулҳои муосири ҷалби сармоягузории хориҷӣ, махсусан сармоягузории мустақим дода мешавад, дар ҳоле ки масъалаи ҷалби захираҳо барои амалишавии ин гуна хароҷот чандон баррасӣ карда

намешавад. Вобаста ба ин, таҳлили воситаҳои ҳавасмандгардонии андозие, ки имкон медиҳанд, роҳҳои такмили қонунгузории андоз дар самти баланд бардоштани таъминнокии молиявии субъектҳои хоҷагидор ва ба ин васила фаъолгардонии сармоягузорӣ дар мамлакат муайян карда шаванд, муҳим арзёбӣ карда мешавад.

Ҳадафи тадқиқ таҳлили таъсири сиёсати андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун омили рушди иқтисодӣ дар шароити номуайянии таъсири омилҳои иҷтимоиву иқтисодӣ ва сиёсӣ ба иқтисоди миллӣ, инчунин таҳияи тавсияҳо оид ба баланд бардоштани самарабахшии воситаҳои он маҳсуб меёбад.

Мусаллам аст, ки вазифаи афзалиятноки сиёсати андоз тарҳрезӣ намудани тадбирҳое мебошад, ки онҳо вобаста ба шароити мавҷудаи иқтисодӣ ва молиявӣ ба афзун гардонидани самарабахшии соҳибкорӣ мусоидат мекунанд. Вобаста ба ин, самти асосии сиёсати андоз дар шароити кунунии рушди иқтисоди миллӣ таҳия ва татбиқи тадбирҳои ҳавасмандгардоние мебошад, ки ба такмили воситаҳои асосии он, аз ҷумла афзоиши иқтидори андозии субъектҳои хоҷагидор ва баланд бардоштани ҷаззобияти сармоягузории онҳо ва дар натиҷа афзоиши ҷамъоварии андоз нигаронида шудаанд. Тағйирнопазирии нисбатан давомноки талаботи қонунгузории андоз яке аз омилҳои асосии афзоиши бемайлони сармоягузорӣ ва татбиқи бизнес–нақшаҳои лоиҳаҳо буда, вобаста ба ин, кафолати устувории гаронии андоз дар давоми давраи татбиқи лоиҳаи сармоягузорӣ воқеан яке аз унсурҳои муҳимми дастгирии давлатӣ ба ҳисоб меравад.

Яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати андоз ҳавасмандгардонии андозии фаъолияти сармоягузории субъектҳои хоҷагидор буда, дар қонунгузории андоз воситаҳои зиёди таъсиргузор ба фаъолияти соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ мавҷуданд [9]. Аммо, тибқи назарияи таҳияи сиёсати андоз, барои таъмини фаъолияти самарабахши ташкилотҳо дар тамоми бахшҳои иқтисодиёт зарур аст, ки давлат на танҳо ба омили афзоиши воридоти андоз аз ҳисоби болоравии сатҳи даромаднокии онҳо таваҷҷуҳ намояд, балки инчунин ба номураттабии ба миён омадани имтиёзу сабукиҳои нави андозӣ роҳ дода надиҳад. Бо мавҷудияти шумораи кофии воситаҳои ҳавасмандгардонии фаъолияти сармоягузорӣ, давлат метавонад рушди сифатии онҳоро таъмин намояд.

Пайваста беҳтар намудани муҳити андозӣ ба боло рафтани эътимоди субъектҳои хоҷагидор ҷиҳати пешбурди муваффақонаи фаъолияти соҳибкорӣ ва сармоягузории дарозмуддат кӯмак расонида, ба рушди иқтисодӣ мусоидат менамояд [8, 82]. Тибқи таҳқиқоти Бонки ҷаҳонӣ, фазои мусоиди корӣ боиси 0,3% афзудани сатҳи рушди сармоягузорӣ ва 0,36% афзудани рушди маҷмуи маҳсулоти дохилӣ мегардад. Муҳити хуби андозӣ на танҳо қонунгузории шаффоф ва босуботи андоз, балки риоя шудани муқаррароти он аз ҷониби андозсупорандагон ва ҳамкории самарабахши байни мақомоти андоз ва андозсупорандагонро тақозо мекунад.

Фароҳам овардани муҳити хуби иқтисодӣ дар кишвар на танҳо баҳри зиёд намудани шумораи корхонаҳои муштарак ҳамчун роҳи муҳимтарини воридшавии сармояи хориҷӣ ба иқтисоди кишвар, балки инчунин барои суръатбахшии такрористеҳсоли сармояи муштарак ва баланд бардоштани рейтинги инвеститсионии кишвар низ муҳим мебошад. Дар ҳамин замина, самти афзалиятноки стратегияи рушди иҷтимоию иқтисодии ҳар як кишвар ба муҳайё намудани фазои мусоиди ҷалби сармояи мустақим ҳамчун яке аз омилҳои муҳимми таъмини рушд нигаронида шудааст. Бо ин мақсад, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои охир бо ташаббуси Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самти беҳсозии фазои сармоягузорӣ ислоҳоти куллӣ идома дошта, натиҷаҳои назаррас низ дода истодааст.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти содагардонии расмиёти иҷозатдиҳӣ, рушди инфрасохтори дастгирии соҳибкорӣ, мусоидат ба фаъолияти сармоягузорон ва такмили механизмҳои ҳимояти ҳуқуқии соҳибкорон қадамҳои устувор мегузорад. Мутобиқи

маълумоти дастрасшуда, Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати беҳтар намудани фазои соҳибкорӣ, ҷалби сармоягузории дохилию хориҷӣ, коҳиш додани дигар мушкилоти ба фаъолияти соҳибкорӣ монеаэҷодкунанда ва, дар ин замина, таъмини шароити мусоид барои фаъолияти муназзами субъектҳои хоҷагидор, такмили маъмурикунонии андоз ва содагардонии расмиёти бақайдгирии фаъолияти соҳибкорӣ пайваста чораҷӯӣ менамояд.

Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон воситаи татбиқи сиёсати андоз маҳсуб меёбад, ки аз 1-уми январи соли 2022 дар таҳрири нав мавриди амал қарор гирифтааст. Ҳадафи он мутобиқнамоии қонунгузории андоз ба марҳилаи муосири рушди иқтисодӣ, такмили рақамикунонии раванди иҷрои уҳдадории андоз, фароҳам овардани шароити созгори пешбурди соҳибкорӣ ва коҳиш додани иқтисоди пинҳонӣ мебошад. Ёдовар мешавем, ки дар ин раванд, тибқи муқаррароти Кодекси андоз шумораи умумии андозҳо то 7 намуд кам ва меъёрҳои як қатор андозҳо паст карда шудааст [1, 36]. Тибқи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» бақайдгирии фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ ройгон ба роҳ монда шуда, тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ин раванд дар муҳлати 24 соат анҷом дода мешавад.

Яке аз самтҳои асосии ҳавасмандгардонии фаъолияти сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон такмили қонунгузории андоз дар қисмати имтиёзҳои андоз мебошад, ки имкон медиҳад на танҳо гаронии андози субъектҳои хоҷагидор коҳиш дода шавад, балки инчунин ба истифодаи оқилонаи манбаъҳои маблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ кумак менамояд. Дар ин замина бо 37 кишвар созишномаҳои канорагирӣ аз андозбандии дукарата ва бо 39 кишвари ҷаҳон созишномаҳо оид ба ҳавасмандгардонӣ ва ҳифзи мутақобилаи сармоягузориҳо ба имзо расонида шудаанд [2, 11].

Ҳамчунин, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шароити озоди рақобат фароҳам оварда, озодии интиқоли фоида ва шаклҳои дигари даромад аз фаъолияти сармоягузорӣ тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунанда кафолат дода шудааст. Тадбирҳои дар самти содагардонии тартиби бақайдгирӣ андешида, ба афзоиши давра ба давраи шумораи субъектҳои хоҷагидор мусоидат менамояд: тибқи маълумоти Феҳристи ягонаи давлатӣ 1-уми июли соли 2025 назар ба соли 2020 шумораи субъектҳои хоҷагидор 39 ҳазор зиёд гардида, дар маҷмуъ 375,1 ҳазор ададро ташкил кардааст [10].

Гуфтан ба маврид аст, ки шумораи ширкатҳои фаъолияткунанда, ки дар сармояи оинномавии онҳо ҳиссаи корхонаҳои хориҷӣ мавҷуд мебошад ва ё муассисони ғайрирезидент доранд, афзоиш ёфта, айни замон тақрибан зиёда аз 2,6 ҳазор ададро ташкил медиҳанд. Аз ҷумла, тибқи маълумоти Феҳристи ягонаи давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо сармоягузории шахсони ҳуқуқӣ ва воқеии шариконӣ тиҷоратӣ ва кишварҳои ҳамсоя, аз ҷумла Ҷумҳурии Мардумии Хитой – 1047 адад, Федератсияи Русия – 402 адад, Ҷумҳуриҳои исломии Афғонистон – 421 адад, Эрон – 324 адад, ҷумҳуриҳои Туркия – 159 адад, Ӯзбекистон – 143 адад, Қазоқистон – 108 адад субъектҳои хоҷагидор таъсис ёфта, айни замон фаъолият намуда истодаанд [6].

***Диаграммаи 1.***

***Шумораи субъектҳои хоҷагидори бо ҷалби сармояи хориҷӣ таъсисёфта аз рӯи таснифоти кишварҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон***

адад




***Манбаъ:*** *Маълумоти ҳисоботии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон*

Муқаррароти созишномаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба канорагирӣ аз андозбандии дукарата созишнома ба ҳимояи ҳифзи манфиати соҳибкорони ватанӣ дар хориҷи кишвар ва ҳавасмандгардонии фаъолияти сармоягузорӣ мусоидат менамояд. Ба туфайли ин тадбирҳо тайи солҳои охир дар самти беҳтар гардидани фазои соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ комёбиҳо ба даст омада, ба иқтисодиёти кишвар дар маҷмуъ дар ҳаҷми 159 млрд. сомонӣ сармоягузории хориҷӣ равона гардид.

***Диаграммаи 2.***

***Воридоти сармояи хориҷӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2020 – 2024***

***млн. сомонӣ***




***Манбаъ:*** *Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки Миллии Тоҷикистон*

Аз рақамҳои овардашуда аён аст, ки ҷалби сармоя дар панҷ соли охир ба Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоюли мусбатро касб намуда, ҳаҷми воридоти сармояи хориҷӣ ба кишвар 11,6 млрд. доллари ИМА-ро ташкил додааст. Нишондиҳандаи мазкур дар соли 2024-ум 5 млрд. доллари ИМА –ро ташкил кардааст, ки дар муқоиса ба соли 2020-ум, 11 маротиба бештар мебошад.

Воридоти сармояи мустақим низ дар ин давра тамоюли афзоиш дошта, ҳаҷми он дар давраи солҳои 2020-2024 1,9 млрд. доллари ИМА ро ташкил кардааст. Танҳо дар соли 2024 ба кишвар 459,1 млн. доллари ИМА сармояи мустақими хориҷӣ ворид гардидааст, ки ин нисбат ба соли 2023-юм 62 % ва дар муқоиса бо соли 2020-ум 2,8 баробар зиёд мебошад [2,6].

***Диаграммаи 3.***

***Тақсимоти сармояи мустақими хориҷии воридгардида аз рӯи таснифоти кишварҳо дар солҳои 2020 – 2024***




***Манбаъ:*** *Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки миллии Тоҷикистон*

Аз маълумоти диаграмма бармеояд, ки сармояи мустақими хориҷӣ ба иқтисодиёти кишвар дар 5 соли охир, асосан аз Ҷумҳурии Мардумии Чин 1121,7 млн. доллари ИМА (60,1%), Иёлоти Муттаҳидаи Америко 166,1 млн. доллари ИМА (8,9%) ва Федератсияи Русия 136,6 млн. доллари ИМА (7,3%) ворид гардида, саҳми ин се кишвар зиёда аз 76 фоизи сармояи мустақими хориҷии дар ин давра воридгардидаро ташкил мекунад. Воридоти сармояи мустақими хориҷӣ аз кишварҳои Фаронса 82,5 млн. доллари ИМА, Туркия 72,2 млн. доллари ИМА ва Британияи Кабир 71,4 млн. доллари ИМА низ солҳои охир тамоюли афзоиш дошта, мутаносибан 4,4 фоиз, 4,1 фоиз ва 3,8 фоизро ташкил медиҳад. Ҷумҳурии Мардумии Чин аз соли 2007 то инҷониб ба иқтисодиёти мамлакат 5,1 млрд. доллари ИМА ворид намудааст, ки аз он 2,9 млрд. доллари ИМА ба сармоягузории мустақим рост меояд. Айни замон дар кишвар зиёда аз 700 ширкати чинӣ фаъолият мебарад, ки ба иктишофи геологӣ, истеҳсолот, сохтмон, телекоммуникатсия ва энергетика машғуланд.

Ҳамин тавр, низоми андозбандӣ яке аз омилҳои муҳимме мебошад, ки ба тасмими сармоягузорони хориҷӣ барои сармоягузорӣ таъсир мерасонад. Дар робита ба ин, масъалаи

ҷустуҷӯ ва интихоби шаклу усулҳои таъсири андоз ба фаъолгардонии сармоягузории хориҷӣ ва ташаккули захираҳои сармоявии субъектҳои хоҷагидор дар меҳвари масъалагузориҳои Ҳукумати мамлакат қарор дорад. Дар ин самт масъалаи азнавсармоягузории хориҷӣ ва пешгирии хориҷшавии сармоя аз мамлакат мушкилоти ҷиддӣ ба ҳисоб меравад.

Таҷрибаи ҷаҳонӣ гувоҳӣ медиҳад, ки сармоягузорон, пеш аз ҳама, омилҳоеро, аз қабили кафолатҳои сармоягузорӣ, мавҷуд будани захираҳои табиӣ, имконияти ба даст овардани ҳуқуқҳои молумулкӣ, омилҳои дигари марбут ба андозбандиро ба назар мегиранд. Ба ибораи дигар, зимни қабули қарори сармоягузорӣ ҳавасмандгардонии андозии сармоягузорӣ омили муҳим аст, вале он муайянкунанда намебошад. Дар ин раванд, таҳлил нишон медиҳад, ки сабабҳои қатъи фаъолияти соҳибкорӣ асосан ба муттаҳидшавӣ ва азнавташкилдиҳии шахсони ҳуқуқӣ, таҷдиди кооперативҳои тиҷоратӣ ва дар заминаи онҳо ташкили хоҷагиҳои деҳқонӣ, аз Феҳристи ягонаи давлатӣ хориҷ гардидани шахсони ҳуқуқии бефаъолият, норасоии воситаҳои гардон, дастрас набудани қарзҳои бонкии дарозмуҳлат, бо таҷҳизоти фарсуда фаъолият намудани корхонаҳои саноатӣ, норасоии ашёи хом, нокифоягии сармоя, мукаммал набудани идоракунии корпоративӣ, кашолкории ниҳодҳои дахлдор дар тамдиди муҳлати амали иҷозат ва иҷозатномаҳо ва дигар омилҳо вобастагӣ дорад.

Дар бобати ба хориҷи кишвар интиқол ёфтани сармояи хориҷӣ бошад, қайд менамоем, ки пешбурди чунин омор аз тарафи мақомоти ваколатдор дар соҳаи сармоягузорӣ ва Бонки миллии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад. Мувофиқи маълумоти мавҷуда, ба ҳолати 1 июни соли ҷорӣ 340 субъект ва шахсони воқеии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мақомоти андози Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба қайд гирифта шуда, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ҳамчун субъекти соҳибкорӣ фаъолияти худро идома медиҳанд. Ҳамчунин, зиёда аз 140 субъект ва шахсони воқеии Ҷумҳурии Ӯзбекистон, аз ҷумла, 35 ширкати ӯзбекӣ ҳамчун муассисони шахсони ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудаанд [6]. Омӯзиши масъалаи мазкур гувоҳӣ медиҳад, ки дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон фаъолияти соҳибкориро ба роҳ мондани шаҳрвандони мо бештар ба сабабҳои зерин ба амал меояд: васеъ будани имконияти гирифтани ҳар гуна иҷозату иҷозатномаҳо барои фаъолият, зиёд будани талабот дар бозори дохилӣ, қулай будани содироти мол ба дигар кишварҳои ҳамсарҳад, ташкили беҳтари хизматрасониҳои логистикӣ, ки ба содироти мол мусоидат менамояд, дастрас будани қарзҳои имтиёзнок ва паст будани фоизи қарзҳои бонкӣ.

Ҳамин тариқ, имрӯз бахши сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тадбирҳои муассири танзими давлатиро тақозо менамояд, дар баробари ин, хусусияти хоси он ва инфрасохтори технологии ба таври кофӣ рушднаёфта механизми дастгирии давлатии сармоягузориро душвор мегардонад. Дар ин радиф, ба назар мерасад, ки қонунгузории андоз бояд ба самтҳои стратегии рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар ҳамоҳанг карда шавад.

Дар заминаи омӯзиши таҷрибаи мавҷудаи ҳавасмандгардонии андозӣ дар самти тақвият бахшидани равандҳои сармоягузорӣ дар кишвар амалӣ гардонидани якчанд самтҳои такмили механизми мазкур, аз нигоҳи мо, ба мақсад мувофиқ менамояд.

1. Коҳиш додани гаронии андоз бо роҳи ҳатталимкон паст намудани меъёрҳои андоз ё озодкунӣ аз пардохти андоз махсусан барои корхонаҳои соҳаи коркард; ҷорӣ намудани назорати истифодаи мақсадноки маблағҳои аз андозбандӣ озодшуда аз ҷониби андозсупоранда (дар шароити мамлакат ҳатто андозсупорандагони бомасъулият барои мақсадҳои рушди иқтисодӣ зиёда аз сеяки маблағҳои озодшударо масраф наменамоянд).

Аз нуқтаи назари ҳавасмандгардонии рушди иқтисодӣ паст намудани меъёри андоз аз арзиши иловашуда метавонад дар ояндаи наздик ба вусъати фаъолияти сармоягузорӣ аз ҳисоби маблағҳои озодшуда таъсири муҳим расонад. Маълум аст, ки ҳиссаи асосии

воридоти андоз ба соҳаи саноат рост меояд, ки дар он ҷо норасоии захираҳои сармоягузорӣ махсусан эҳсос карда мешавад. Коҳиш додани меъёри андоз бахусус дар соҳаҳои технологияҳои баланд, ки меҳнати зеҳниро бошиддат истифода мекунанд, таъсири судманд расонида, ҷиҳати рушди босуръати онҳо заминагузорӣ хоҳад намуд.

Ҳамзамон, тибқи таҳлил, тартиби мавҷудаи баргардонидани андоз аз буҷет, имкониятҳои рушди истеҳсолот ва рушди инноватсиониро назаррас коҳиш медиҳад, зеро қисми зиёди арзиши иловагии ба вуҷудовардашуда аз ҳисоби истеҳсолкунанда гирифта мешавад. Аз лиҳози методологӣ ба мақсад мувофиқ мебошад, ки масъалаи гузариш аз усули баҳисобгирии андоз ба усули илова баррасӣ карда шавад. Ҳангоми истифодаи усули илова, маблағи андози пардохташаванда аз ҷониби корхона бо роҳи ҷамъ кардани ҷузъҳои арзиши иловашуда (музди меҳнат, иҷорапулӣ, фоиз ва фоидаи соф) ва зарби он ба меъёри андоз муайян карда мешавад. Ҳисоб кардани андоз аз арзиши иловашуда бо истифода аз усули мазкур ба баланд шудани самарабахшии маъмурикунонии андоз ва коҳиш ёфтани ҳисоботи он оварда мерасонад.

2. Ба роҳ мондани мониторинги дақиқ ва боэътимоди асоснокии имтиёзу сабукиҳои андозӣ ва самарабахшии онҳо; ба тартиб даровардани низоми имтиёзу сабукиҳои андозӣ тавассути тавсеаи номгӯй ва ҳаҷми имтиёзҳои мақсадноки андозии дорои хусусиятҳои сармоягузорӣ ва инноватсионӣ.

Айни замон низоми андозбандии даромади субъектҳои хоҷагидор дар мамлакат тибқи муқаррароти қонунгузории андоз дорои номгуйи кофии воситаҳои ҳавасмандгардонии фаъолияти сармоягузорӣ, аз ҷумла, тарҳи сармоягузорӣ ва тарҳи хароҷот вобаста ба таҳқиқоти илмӣ, корҳои лоиҳакашӣ ва таҷрибавию конструкторӣ, инчунин низоми имтиёзноки андозбандии фаъолияти инноватсионию технологӣ мебошад.

Мутобиқи арзёбиҳои гуногун, дар мамлакат аз 97 то 200 номгӯй имтиёзу сабукиҳои андозию гумрукӣ пешбинӣ гардидаанд, ки як қисмати онҳо дар амал пурра татбиқ намешаванд [5,101]. Тибқи маълумоти Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар панҷ соли охир дар кишвар маблағи хароҷоти андозӣ 1,2 маротиб зиёд гардида, ҳиссаи он нисбат ба ММД 5,2 фоиз ва даромади буҷети давлатӣ 22,1 фоизро ба ҳисоби миёна ташкил медиҳад. Танҳо дар соли 2024–ум ҳаҷми умумии хароҷоти андозии буҷети давлатӣ 7,4 млрд. сомониро ташкил додааст [6].

Тибқи таҳқиқот, имрӯзҳо дар самти муқаррар намудани бахшҳое, ки ба татбиқи имтиёзҳо ҳуқуқ доранд, бештар тадбирҳо андешида мешаванд, ва дар баробари ин, зарур аст, ки мутобиқати ҳамаи имтиёзҳо, аз ҷумла имтиёзҳои ғайриандозӣ ба бахшҳои афзалиятноки иқтисоди миллӣ пайгирӣ карда шавад. Ислоҳоте талаб карда мешавад, ки дар доираи он имтиёзҳо дар асоси меъёрҳои возеҳ ва шаффоф ба соҳаҳо пешниҳод гардида, ба рақобати солим зарар нарасонад. Аз нигоҳи мо, ба ҳадди назаррас коҳиш додани имтиёзҳои андозии ғайримақсаднок, аз ҷумла аз пардохти андоз аз даромад пурра озод намудани он қисми фоида, ки амалан ба навсозии истеҳсолот истифода карда шудааст, ба мақсад мувофиқ мебошад. Ин тадбир, ба фаъолгардонии сармоягузорӣ дар кишвар мусоидат мекунад.

3. Такмили сиёсати истеҳлокӣ, ки татбиқи меъёри истеҳлоки босуръатро бо коэффисиенти 2 пешбинӣ менамояд. Айни замон сиёсати истеҳлокӣ дар мамлакат норасоиҳои муайян дошта, ҳамчун воситаи ҳавасмандгардонии сармоягузорӣ ба таври кофӣ истифода намешавад. Қонунгузории андоз истеҳлокро танҳо ҳамчун намуди хароҷоти андозсупоранда пешбинӣ менамояд, ки манбаи андозро коҳиш медиҳад. Дар баробари ин, воситаҳои ҳавасмандгардонии андозӣ дар сурате самарабахш мегарданд, ки агар принсипҳои суроғанокӣ ва ҳадафмандии имтиёзҳои андоз риоя гардида, истифодаи мақсадноки маблағҳои озодшуда таҳти назорат гирифта шавад.

Таҳлили рушди кишварҳои пешрафта гувоҳӣ медиҳад, ки сармоягузорӣ аз ҳисоби ҳиссаҷудокуниҳои истеҳлокӣ (65–70%), воситаҳои қарзӣ (15–20%) ва фоида (12–15%) амалӣ мегардад. Барои расидан ба чунин натиҷа амалӣ намудани ислоҳоти сиёсати истеҳлокӣ дар кишвар ба мақсад мувофиқ аст, ки меҳвари асосии он усули истеҳлоки босуръат мебошад. Татбиқи ин усули фаъолгардонии сармоягузорӣ ба давлат имкон медиҳад, ки маблағгузории асосиро ба соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёти миллӣ равона намояд [7,187].

Дар сурати татбиқи усули истеҳлоки босуръат манбаи андозбандишавандаи ташкилотҳо ва мутаносибан гаронии андоз коҳиш ёфта, барои сармоягузорӣ захираҳои иловагии молиявӣ ба вуҷуд меоянд. Ҳамзамон, барои мақсадҳои ҳисобкунии истеҳлок баррасии муҳлати истифодаи муфиди баъзе намудҳои таҷҳизоти технологӣ дар соҳаҳои саноат ба мақсад мувофиқ мебошад. Ба назар мерасад, ки чунин стратегия дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон бинобар ҳанӯз ҳам нокифоя будани сармоягузорӣ аҳаммияти махсус дорад.

4. Бо мақсади фароҳам овардани шароити мусоиди пешбурди соҳибкорӣ пешниҳоди «таътилҳои андозӣ» ба сармоягузорони хориҷӣ ба муҳлати аз 3 то 5 сол (аз рӯи намудҳои алоҳидаи андоз) барои корхонаҳои навтаъсис ва ё пешниҳоди қарзҳои андозии сармоягузорӣ ба мақсад мувофиқ мебошад. Ба ширкатҳои хориҷие, ки технологияи пешқадамро ба корхонаҳои муштарак ва сохторҳои ватанӣ ворид месозанд, бояд «таътилҳои андозӣ» дода шавад.

Қарзи андозии сармоягузорӣ ин чунин тағйирдиҳии муҳлати пардохти андоз мебошад, ки тибқи он андозсупоранда дар сурати мавҷуд будани асосҳои мувофиқ, имконият дорад пардохтҳои андозии худро дар давоми давраи муайян бо шарти пардохти минбаъдаи маблағи андоз ва фоизҳои он коҳиш диҳад. Ҳадафи асосии ин шакли қарз ҳавасмандгардонии фаъолияти сармоягузории муассисаҳои илмӣ буда, он метавонад воситаи муассири фаъолгардонии раванди навсозӣ ва тавсеаи фондҳои асосӣ, маблағгузории барномаҳои ояндадори илмӣ ва фаъолияти инноватсионӣ бошад.

5. Аз андози суди саҳмия озод намудани дивиденди сармоягузорони хориҷӣ вобаста ба ҳаҷми сармоягузории мустақим ба сармояи оинномавии ташкилотҳо, инчунин соҳа ва ё минтақаи фаъолият ба мақсад мувофиқ мебошад. Меъёри андоз барои муайян намудани гаронии умумии андоз муҳим буда, инчунин ҳангоми муайян намудани стратегияи маблағгузорӣ ва банақшагирии андози ширкат ба назар гирифта мешавад. Сатҳи меъёри андоз ба дивиденд бошад, бевосита бо ҳалли масъалаи азнавсармоягузорӣ алоқаманд аст. Албатта, муқаррар намудани имтиёз дар шакли озодкунӣ аз пардохти андози суди саҳмия зимни интихоби кишвари сармоягузорӣ аз ҷониби сармоягузорони хориҷӣ аҳаммияти муайян дорад.

6. Ҷиҳати баланд бардоштани самарабахшии соҳаи кишоварзӣ ва ҷаззобияти сармоягузории он бекор намудани маҳдудияти ҳаҷми даромади умумӣ барои субъектҳои фаъолияти кишоварзӣ ба мақсад мувофиқ ба назар мерасад. Бо ҷалби сармояи хориҷӣ ва бунёди корхонаҳои хурд маҳсулоти кишоварзии истеҳсолшударо пурра коркард намуда, ба ҳамин васила ҳаҷми воридоти маҳсулоти кишоварзиро ба мамлакат коҳиш додан мумкин аст.

Ҳамин тариқ, аз нигоҳи мо, таҳаввулоти босуръату пешгӯинашавандаи иқтисоди ҷаҳонӣ, рақобати шадид барои дастрасӣ ба захираҳо дар ҷаҳон ва пайомадҳои тағйирёбии иқлим тақозо менамоянд, ки тамоми воситаҳои муосири фаъолгардонии сармоягузорӣ ба таври васеъ ба кор бурда шаванд.

Шаклҳои таъсиррасонии мустақими давлат ба сармоягузорӣ бо мақсади вусъатбахшии ҷалби сармояи хориҷӣ ба соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёти миллӣ тавассути тадбирҳои андозӣ танҳо дар сурате метавонад натиҷаҳои назарраси мусбат ба бор орад, ки агар сиёсати мутавозин ва бисёрсатҳаи сармоягузорӣ дар кишвар роҳандозӣ карда шавад.

Дар пасманзари тағйироту такмили дар низоми андозбандии кишвар пешбинигардида, дурнамои ислоҳоти андоз ҷузъи муҳимми стратегияи мамлакат ҷиҳати расидан ба рушди

устувор ва пешрафти иқтисодӣ маҳсуб меёбад. Тадбирҳои пешниҳодшудаи ҳавасмандгардонии андозӣ дар якҷоягӣ бо дигар тадбирҳои сиёсати давлатӣ метавонад рушди сармоявии иқтисоди миллиро тақвият дода, ба навсозии он мусоидат намояд.


**_ПАЙНАВИШТ:_**

1. *Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2022. – 407 с.*
2. *Стратегияи ҷалби сармоя ба Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040. – Душанбе, 2025. – №372. – 38 с.*
3. *Гончаренко А.Е. Налоговое стимулирование инвестиционной деятельности // Вестник Алтайской академии экономики и права. – 2023. № 2-2. – С. 200 – 203. [Электронный ресурс] [Санаи муроҷиат: 10.01.2026].*
4. *Давлатзода Д.Ш. Хусусият ва афзалиятҳои ҷалби сармояи хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Паёми молия ва иқтисод. – 2022. – №. 4-2(34). – С. 160 – 167.*
5. *Доклад об экономике Таджикистана (с фокусом на стимулирование динамичного развития частного сектора в Таджикистане) // Группа Всемирного банка. – Вашингтон, 2023. – 128 с.*
6. *Маълумоти ҳисоботии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2022 – 2025.*
7. *Салимова М.М. Нақши арзёбии гаронии андози ташкилотҳо дар идорасозии низоми андози Ҷумҳурии Тоҷикистон // Иқтисодиёти Тоҷикистон. – Душанбе, 2025. – №2. – С.181 – 193.*
8. *Тагавердиева Д.С. Налоговая политика государства и её влияние на развитие предпринимательства // Финансовый менеджмент. – 2021. – №1. – С. 79 – 84.*
9. *Титов И. А. Стимулирующая функция налоговой политики как фактор экономического роста в условиях санкционных ограничений // Вестник евразийской науки. – 2024. - №5. [Электронный ресурс] [Санаи муроҷиат: 15.11.2025].*
10. *www.andoz.tj.*

**_REFERENCES:_**

1. *Tax Code of the Republic of Tajikistan. – Dushanbe, 2022. – 407 pp.*
2. *Strategy for Attracting Investment to the Republic of Tajikistan for the period until 2040. – Dushanbe, 2025. – № 372. – 38 pp.*
3. *Goncharenko A.E. Tax Stimulation of Investment Activities // Bulletin of the Altai Academy of Economics and Law. – 2023. № 2-2. – PP. 200-203. [Electronic resourses] [date of appeal: 10.01.2025].*
4. *Davlatov D.Sh. Features and Priorities of Attracting Foreign Investment to the Republic of Tajikistan // Bulletin of Finance and Economics. – 2022. – № 4-2 (34). – PP. 160 – 167.*
5. *Tajikistan Economic Report (with a focus on stimulating the dynamic development of the private sector in Tajikistan) // World Bank Group. –Washington, 2023. – 128 pp.*
6. *Reporting data of the Tax Committee under the Government of the Republic of Tajikistan. – Dushanbe, 2021 – 2024.*
7. *Pulotova U.S. Problems of Tax Policy in Modern Step of Economic Development // Bulletin of TSULBP. – №2 (99). – Khujand, 2024. – PP. 61 – 71.*
8. *Salimova M.M. Assessment of the Tax Burden on Organizations as a Tool for Managing the National Tax System in the Republic of Tajikistan // Economy of Tajikistan. Series oh Social Science. – №2. – Dushanbe, 2025. – PP. 181 – 193.*
9. *Tagaverdieva D.S. Tax Policy of the State and its Influence on the Development of Entrepreneurship // Financial management. – 2021. №1. – PP. 79 – 84.*
10. *Titov I. A. The Stimulating Function of Tax Policy as a Factor in Economic Growth under Sanctions Restrictions // Bulletin of Eurasian Science. – 2024. - №5. [electronic resource] [date of appeal: 15.11.2025].*
11. *www.andoz.tj.*